Мл тоз 1
Ҷ–69



# ҚИССАИ МУРҒ ВА САЙЁД

9

АЗ СИЛСИЛАИ ҚИССАҲОИ «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»

БА ИФТИХОРИ 20-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ
ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚИССАИ МУРҒ ВА САЙЁД

## 9

16135

Душанбе
«Адиб»
2011

Бозгӯи *Гулназар*
Рассом *О. Шемелина*
Муҳарир *Фарҳоди Карим*

«Маснавии маънавӣ», ки номи фарзанди фарзонаи тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро ҷовидон гардонидааст, дар саросари олам маълуму машҳур аст. Абдураҳмони Ҷомӣ дар васфи ин асар фармудааст:

***Маснавии маънавии Мавлавӣ***
***Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ.***

Мавлавӣ дар «Маснавии маънавӣ» барои тақвияти андешаву афкори худ аз бисёр қиссаву ривоятҳои халқӣ истифода кардааст. Инак, қиссаи нӯҳум.

ISBN 978-99947-2-116-0

© Нашриёти «Адиб», 2011

Сайёде рӯзи баҳорон ба марғзор рафт ва хост, ки барои ризқу рӯзӣ мурғе шикор кунад. Дар гӯшаи хилвате дом ниҳод ва худаш дар пушти буттаҳо пинҳон шуд. Мурғони хурду калон аз паҳлуи дом парвоз карда мегузаштанд ва ҳеҷ кадоме аз онҳо моили донҳои дом намешуд. Сайёди умедвор сабр кард, сабр кард, ниҳоят: сабраш самар овард. Беҳуда намегӯянд, ки меваи сабр ширин аст. Мурғе нодонӣ карду майли дон кард ва надонист, ки он ҷо дом аст ва гирифтор шуд.

Сайёди хушбахту хурсанд ба сӯи дом тохт ва Мурғро ба даст ғирифт. Мурғ аз тарси ҷон худро ба чор тараф мезад, аммо Сайёд ӯро маҳкам дошта буд.

Мурғ дид, ки илоҷи халосӣ нест, нолону гирён ба Сайёд рӯ овард:

– Сайёдҷон, он қадар харобу лоғар ҳастаму он қадар хурдакак, ки аз куштану хӯрдани ман фоидае намебинӣ.

Сайёд ғуфт:

– Ба одами гурусна як луқма ғӯшт ҳам ҳузури ҷон.

Мурғ ба зориву илтиҷо даромад:

–Аз хӯрдани ним луқма гӯшти ман манфиат нест. Маро озод кун, ба ту се панд медиҳам, ки бароят фоидаовар хоҳад буд.

Сайёд пурсид:

– Чи хел панд медиҳӣ ?

Мурғ гуфт:

– Се панд медиҳам. Якумашро аз рӯи дастат мегӯям. Дуюмашро аз болои девор мегӯям. Сеюмашро аз шохи дарахт мегӯям.

Сайёд ризо шуд ва Мурғро озод кард. Мурғ ду–се бор пару болашро афшонд ва рӯи дасти Сайёд хушҳолона ба гуфтани панди аввал сар кард.



Мурғ гуфт:

– Коре, ки шуданӣ нест, ҳаргиз бовар накун, ки онро касе иҷро карда метавонад.



Сайёд қаноатмандона сар ҷунбонд. Мурғ аз рӯи дасти ӯ парвоз карду болои девор баромад ва гуфт:

– Эй Сайёд ! Акнун панди дувумро гӯш кун. Панди дувум он аст, ки ҳаргиз бар гузашта ғам нахӯр, чизе ки аз даст додӣ, дигар ҳасраташро ба дил роҳ надеҳ.





Сайёд қаноатмандона сар ҷунбонд. Мурғ аз болои девор парвоз карду бар шохи баланди дарахт нишаст. Аз он баландӣ гуфт:

– Эй Сайёд! Дар ҷиғилдони ман марҷони нимкилоӣ ҳаст, ки давлати туву фарзандони ту буд. Афсӯс, ки аз даст додӣ.

Сайёд аз ҷойи худ парида хест ва бо пушаймонӣ даст бар сар задан гирифт:

– Мани аҳмақ чаро озодат кардам?!

Мурғ бо хушҳолӣ овоз баровард:

– Эй Сайёд ! Ту аҷаб хушбовар ҳастӣ. Охир, вазни ман ним кило несту ту чӣ хел бовар кардӣ, ки дар ҷиғилдони ман марҷони нимкилоӣ ҳаст?

Сайёд ба худ омад ва донист, ки Мурғ ӯро бозӣ медиҳад. Гуфт:

– Панди сеюматро бигӯ!

Мурғ аз шохи баланд садо дод:

– Ман пандат додам, ки бар гузашта ғам нахӯр ва ҳасрати он чизро ба дил роҳ надеҳ, ки аз даст рафтааст. Ту мувофиқи ин панди ман рафтор накардӣ.

Сайёд фарёд зад:

– Панди сеюматро бигӯ!

Мурғ гуфт:

– Панди сеюм он аст, ки дар зиндагӣ пандҳои додаамро сармашқи кори худ кун, ҳаргиз хор намешавӣ.

Мурғ инро гуфту парида рафт. Сайёди бенасиб бо ҳасрат аз паси Мурғи озод нигоҳ мекарду нигоҳ мекард.

# ҚИССАИ МУРҒ ВА САЙЁД

*(Барои хонандагони хурдсол)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Ҳуруфчин *Ш. Имомназарова*

Ба матбаа 3.08.2011. супорида шуд.
Чопа 8.08.2011 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 1.
Андозаи 60х84 1/8.Адади нашр 5000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.

ООО «Орбита»

9 789994 721160